**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-031 назди МДТ«Донишгоҳи давлатии тиббии Точикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № _______________

қарори шурои диссертатсионӣ аз 19 марти соли 2025, № 5

Барои сазовор донистани Холиқова Омина Умархоновна шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ. Диссертатсияи " Таҳқиқоти таҷрибавии баъзе аз хусусиятҳои фармакологии тагетол" (омӯзиши экспименталӣ) аз рӯйи ихтисоси 14.03.06 - Фармакология, фармакологияи клиникӣ

ба ҳимоя 10.01.2025 (суратмаҷлиси №1) аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-031 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» (734026, ш. Душанбе, к. Сино 29-31), бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №455 аз 02.12.с.2024 оиди ҳимояи якдафъаина.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ Холиқова Омина Умархоновна 1989 санаи таваллуд, соли 2015 факултети Биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст. Ба ҳайси ходими илмии Озмоишгоҳи илмӣ-тадқиқотии МД «Пажӯҳишгоҳи тибби бунёдӣ » - и МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар Маркази инноватсионии биология ва тиббии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои тиббӣ, Азонов Ҷаҳон Азонович – ходими пешбари илмии Озмоишгоҳи илмӣ-тадқиқотии МД «Пажӯҳишгоҳи тибби бунёдӣ» - и МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино».

Муқарризони расмӣ:

• Раҳимов Исматулло Фатҳуллоевич - доктори илмҳои тиббӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, мудири лабораторияи фармакологияи институти химия ба номи В.И.Никитин;

• Ғиёсзода Асомуддин Шамсиддин - номзади илмҳои биологӣ, муовини директор оид ба илм ва инноватсияи Коллеҷи тиббии ноҳияи М.А.Ҳамадонӣ, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

Муассисаи тақриздиҳанда – МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон", ш. Душанбе, дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз имзо шудааст, Ҷамшедов Ҷамшед Назардодович, номзади илмҳои биологӣ, мудири кафедраи технологияи фарматсевтӣ, фармакогнозия, ташкил ва иқтисоди фарматсия, фармакология ва фармакологияи клиникӣ, хизмати фарматсевтӣ ва итилооти фарматсевтӣ қайд шуд, ки Холиқова Омина Умархоновна довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 16 интишори илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад, ҳаҷми умумии 2,41 саҳифаи чопӣ, саҳми муаллиф – 70% мебошад. 1 пешниҳоди навоварӣ гирифтааст.

• Холиқова О.У. Гиполипидемические свойства тагетола при экспериментальной гиперлипидемии на кроликах. (Tagetes patula L) при гистаминовом и формалиновом артрите.[Текст] /О.У. Холикова, Д. А. Азонов.//«Наука и мир» Международный научный журнал. Волгоград-2020. - №7 (83). - С. 22 - 26.

• Холиқова О. У. Хусусияти талхаронии маводи тагетол ҳангоми заҳролудкунии ҷигар бо заҳри ҷигаркуши $CCl_4$.[Матн] / О.У. Холиқова, Ҷ. А.Азонов // Маҷаллаи илмӣ-амалӣ Авҷи Зуҳал.-2020.- №2.- С. 98 - 102.

• Холиқова О. У. Хусусияти зиддитоксикии маводи тагетол ҳангоми заҳролудкунии ҷигар бо заҳри ҷигаркуши $CCl_4$ дар калламушҳои сафед. [Матн] /О.У.Холиқова// Авҷи зуҳал.- 2022.- № 4. - С. 89 - 94.

• Холиқова О. У. Антиоксидантные свойства тагетола на фоне токсического воздействия СС14. [Текст] /О.У. Холикова// «Наука и мир» Международный научный журнал, Волгоград-2023. №3(115).-С. 59 - 62.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:

- Доктори илмҳои биологӣ, профессор, декани факултаи агробизнеси Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон, ба номи Ш.Шоҳтемур Гулов Сайдалӣ Маъмурович – эрод нест;

- Доктори илмҳои биологӣ, дотсент, профессори кафедраи биология ва физиологияи Институти фарматсевтии Пятигорск – филиали Донишгоҳи давлатии тиббии Волгоградӣ Вазорати тандурустии Федератсияи Руссия Доркина Елена Григорьевна - эрод нест.

- Доктори илмҳои биологӣ, профессор кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонот ба номи академик Сафаров Ҳ.М Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Устоев Мирзо Бобоҷонович - эрод нест.

- Номзади илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи биологияи тиббӣ бо асосҳои генетикаи МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» Шахсуфбекова Ойимниссо Мамадназаровна - эрод нест.

Дар шарҳҳо аҳамияти мавзӯъ, навоварии илмӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқоти гузаронидашуда қайд карда шудааст. Инчунин зикр мегардад, ки кори диссертатсионии Холиқова Омина Умархоновна як таҳқиқоти анҷомёфта, амалан муҳим буда, ба ихтисоси 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо бо дастовардҳои худ дар соҳаи фармакология, корҳои илмӣ дар ин самт маъруфанд ва дар ин мавзӯъ нашрияҳои илмӣ доранд ва онҳо метавонанд ба кори рисолаи диссертатсионӣ

аз рӯйи муҳимият, аҳамияти назариявӣ ва арзиши амалиаш баҳои холисона диҳанд.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи аспиранти дарёфти дарачаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

**коркард карда шуд, ки** маводи нави растанигии гепатопротекторӣ, талхаронӣ, зиддиотоксикӣ, зиддиоксидӣ ва зиддиилтиҳобии нав, ки дар асоси равғани атрии махмалаки майдагул (Tagetes patula L) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон парваришёбанда интихоб гардида, барои табобати бемориҳои ҷигар, системаи гепатобилиарӣ аз ҷумла гепатити токсикӣ, илтиҳоби талхадон, тангшавии роҳҳои талхагузар ва дислипидемия таҳия шудааст.

**пешниҳод шудааст, ки** усулҳои нави таҳқиқот бо истифодаи реактивҳо, биолатестҳо ва дастгоҳҳои замонавӣ муайян намудани хусусиятҳои биохимиявӣ, фармакологӣ ва таҳқиқоти патоморфологии тагетол амалӣ гардид.

**исбот шудааст, ки** маводи нави тагетол, ки дар асоси равғани атрии махмалаки майдагул таҳия шудааст, дар муқоиса бо доруҳои муқоисашавандаи олиметин ва карсил раванди синдроми ситоликӣ, холестаз, осеби токсикии ҷигарро пешгири намуда мубодилаи моддаҳоро аз ҷумла липидҳо, липопротеидҳо ва сафедаҳоро ба танзим меорад.

**Аҳамияти назариявии тадқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

**исбот намудан,** ки маводи тагетол вобаста ба хусусиятҳои талхаронӣ, гепатопротекторӣ, зиддиоксидӣ, зиддитокскӣ, гиполипидемӣ ва зиддиилтиҳобиаш барои табобати бемориҳои ҷигар, бемориҳои системаи гепатобилиарӣ, гепатити токсикӣ, дислипидемия ва бемориҳои илтиҳобии гуногунҷабҳа мусоидат менамояд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок баён шудани** усулҳои муосири таҳқиқоти фармакологӣ, биохимиявӣ, патоморфологӣ ва таҳлили оморӣ, ки дар ҳайвонҳои экспериментали истифода мешаванд;

**ошкор гардидани** хусусиятҳои таъсири гепатопротекторӣ, талхаронӣ, зиддитоксикӣ, зиддиоксидӣ, дислипидемӣ ва зиддиилтиҳобии вояҳои гуногуни тагетол дар ҳайвонҳои бо заҳри ҷигаркуши $CCl_4$ заҳролудшуда ;

**омӯхта шуданд** таъсири вояҳои гуногуни тагетол дар раванди гепатити токсикӣ, дислипидемияи холестеринӣ, твинӣ ва ҷараёни илтиҳоби гистаминӣ, серотонинӣ ва формалинӣ дар ҳайвнҳои озмоишӣ ва назоратӣ.

**аз нав такмил додани** тавсияҳои амалию назариявӣ оиди амалисозии озмоишҳои клиникии маводи тагетол барои муолиҷаи бемориҳои токсикии ҷигар ва системаи гепатобилиарӣ, дислипидемӣ ва илтиҳобӣ равона гардидааст.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:**

**коркард ва ҷорӣ карда шудаанд** Амалиҳои илмии асоснок оид ба истифодаи маводи гепатопротекторӣ, дислипидемӣ ва зиддилтиҳобӣ ва таъсири онҳо ба таркиби химиявии талха, нишондиҳандаҳои биохимиявии хун ва сохтори морфо-функсионалии ҷигари ҳайвонҳои озмоишӣ ва назоратӣ ;

**муайян карда шуданд** омилҳои асосии сабабҳои амалишавии гепатити токсикӣ дислипидемия ва ҷараёни илтиҳоб тавассути истифодаи маводи ҷигаркуш, омехтаи холестеринӣ, Твин-80 ва медиаторҳои илтиҳобовардар ҳайвонҳои озмоишӣ ва назоратӣ ;

**офарида шуд** тавсияҳо барои табобати бемориҳои ҷигар ва системаи гепатобилиарӣ, дислипидемӣ ва бемориҳои илтиҳобии гуногунҷабҳа дар ҳайвонҳои озмоишӣ .

**муаррифӣ карда шуд** вояҳои гуногуни маводи озмоишӣ нисбати гепатити токсикӣ, дислипидемия, раванди илтиҳоб ва бехатарии маводи зикршуда, дар ҳайвонҳои озмоишӣ.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** барои корҳои таҷрибавӣ аз таҷҳизотҳои биохимиявии муосири дорои сертификат, ки барои гузаронидани амалиётҳои санҷишӣ бо шаҳодатномаи амаликунанда муҷаҳаз оиди истифода қарор дода шуд. Дуруст будани натиҷаҳои таҳқиқот бо усулҳои коркарди омории дақиқ ва истифодаи барномаи компютерӣ муқарар карда шуд ва ин имконият медиҳад, ки онҳо бо эътимод ҳисобида шаванд.

**ғоя асонок шудааст** таҳлил ва натиҷаҳои бадастомадаи корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ бо истифодаи ҳайвонотҳои гуногуни озмоишӣ дар базаи Озмоишгоҳи илмӣ-тадқиқотии МД "Пажӯҳишгоҳи тибби бунёди" - и МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино" амалӣ гардидааст.

**истифода шудаанд** маълумотҳои гирифташудаи адабиётҳои муқоисавии муҳаққиқони мамлакатҳои дур ва наздик мувофиқи мавзӯъ;

**муайян шудаанд** усулҳои муосири ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот, миқдори кофии маводи клиникӣ ва давраҳои мушоҳидаи дуруст интихобшуда, ки аз ҳадафҳои тадқиқоти диссертатсия бармеоянд;

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:** аз иштироки ӯ дар тамоми марҳилаҳои раванди таҳқиқот иборат аст: таҳияи тарҳрезӣ, банақшагирӣ, гузаронидани корҳои илмӣ дар ҳайвонҳои гуногун, коркарди омории маълумоти гирифташуда ва тафсири натиҷаҳо, омода намудани нашрияҳои илмӣ, гузоришҳо ва ҳалли техникии ин мавзӯъ.

Дар маҷлиси 19 марти соли 2025 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Холиқова Омина Умархоновна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ, аз рӯйи ихтисоси 14.03.06 - Фармакология, фармакологияи клиникӣ қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 2 нафар. Аз 13 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, ба таври иловагӣ

барои ҳимояи якдафъаина 5 нафар ворид карда шуданд. Овоз доданд: тарафдор -13 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои фарматсевтӣ** **Холназар Б.М.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ**
**номзади илҳои тиб, дотсент** **Юлдашева У.П.**

**19. 03. с.2025**

имзо/подпись Холназар Б.М.
Юлдашевой У.П.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ УРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
«19» 03 2025 с/г